- ин зарурати таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қурбониёни савдои одамон мебошад, ки ба решакан кардани савдои одамон ҳамчун ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин, ки ҳуқуқҳои асосии инсонро вайрон мекунад ва зарба ба ҳуқуқу ва озодиҳои тамоми инсоният мезанад, имкон медиҳад.

4. Барои мувофиқа кардани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, пешниҳод карда мешавад, ки меъёрҳои б. 6 м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон», ки мавқеи ғуломии шахсро муқаррар мекунад, хориҷ карда шаванд. Асос метавонад, хориҷ шудани м. $130^2$ аз КҶ ҶТ (Истифодаи меҳнати ғуломона) бошад.

5. Асоснок карда шудааст, ки таркиби асосии савдои одамон ба ҷиноятҳои вазнин дохил мешавад, зеро кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ сол ҷазо дода мешаванд. Дар ин асос чунин шуморида мешавад, ки санксияҳои ин меъёрҳо дараҷаи воқеии хавфи ҷаъиятии савдои одамонро инъикос намекунанд ва ин метавонад, самаранокии муқовиматро бо ин падидаи зиддиҷамъиятӣ душвор гардонанд. Вобаста ба ин, дар санксияҳои меъёрҳои моддаи $130^1$ КҶ ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки намуди ҷазои иловагӣ дар шакли ҷарима муқаррар карда шавад. Ин ҳолат бо он асос ёфтааст, ки кирдорҳои ҷинояткорон ба истифодаи ҷабрдидагон ҳамчун моли зинда ё бо мақсади истифодаи онҳо ва ба даст овардани даромади моддӣ ё фоидаи дигар равона карда шудааст. Ғаразнокии ҷинояти овардашуда тадбиқи ҷазоро нисбат ба шахсоне, ки чунин ҷиноят содир кардаанд, тақозо мекунад, ки дар худ маҳдудияти молумулкӣ дошта бошад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки аз КҶ ҶТ м. 167 «Савдои кӯдакон» хориҷ карда шуда, илова ба м. $130^1$ КҶ ҶТ бо аломати вазнинкунанда ба б. $в^1$ «нисбат ба ноболиғ» ва санксия барои содир намудани ин ҷиноят дар шакли зерин вазнинтар карда шавад:

- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

2. Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ;

в) нисбати ду ва ё зиёда кудак;

г) бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи он;

д) бо мақсади аз ҷабрдида гирифтани узвҳо ё бофтаҳо барои пайвандсозӣ, ҳамчунин ғайриқонунӣ истифода намудани ӯ бо мақсадҳои репродуктивӣ ё дар тадқиқоти биотиббӣ;

е) аз ҷониби шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимит бо истифода аз вазифаи хизматӣ ё шахси дигаре, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот иҷро мекунад;

ж) бо ҷойивазкунии ҷабрдида тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то дувоздаҳ сол ҷазо дода мешаванд.

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин шуда бошад;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад;

в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол ҷазо дода мешавад.

7. Пешниҳод карда мешавад, ки эзоҳи м. 167 КҶ ҶТ бо назардошти хавфи содир намудани ин кирдори ҷиноятӣ хориҷ карда шавад. Он метавонад, ба таври воқеӣ ба ҳаётфаъолияткунии кӯдак ҳамчун як қисми муҳими рушди ҷомеаи муосир таъсири манфӣ расонад, бо мақсади таъмини саривақтии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ин категорияи шахсон.

8. Пешниҳод карда мешавад, ки амали Барномаи комплексии давлатии муқовимт ба савдои одамон барои солҳои 2019 – 2021 то соли 2025 тамдид карда шавад, ки ба сохтори он таҳияи чорабиниҳои махсус барои омӯзонидани кормандони тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил мешавад. Инро бо он асоснок кардан мумкин аст, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016, таҳти №326, Нақшаи миллии муқовимат ба савдои

одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 тасдиқ карда шудааст, зеро Барномаи муқовимат ба савдои одамон, ки дар давраи 2006–2010 қабул шудааст, дигар наметавонист ба таври зарурӣ ба такмили тадбирҳои муайян дар фош кардан, пешгирӣ ва бартараф кардани савдои одамон ва ҳифзи қурбониёни он мусоидат кунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ** бо он муайян карда мешавад, ки сохтори мафҳумии савдои одамон аниқ карда шуда, таҳлили маҷмӯии мушкилоти (проблемаҳои) мубориза бо савдои одамон, пешниҳодҳо оид ба такмили воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бо савдои одамон таҳия карда шудаанд. Таҳлили қонунгузорӣ дар бораи савдои одамон, ки савдои одамонро манъ мекунад, гузаронида шуда, хулосаҳои амалӣ ва пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва низоми чораҳо оид ба муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои тадқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар: фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба такмил намудани мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; дар омӯзонидани курсҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Криминология», ҳангоми омода кардани лексияҳо, воситаҳои таълимӣ оид ба ин масъала; дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ҷараёни коркарди минбаъдаи муаммои мубориза бо савдои одамон, истифода карда шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои тадқиқот.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар 22 мақолаҳои илмии нашршуда, маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ интишор шудаанд.

Маводи тадқиқоти диссертатсионӣ ба раванди таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Криминология», Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистону Россия ва ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Криминология, дар фаъолияти амалии Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккилонаи ВКД ҶТ ва РВКД дар вилояти Суғд истифода мешаванд.

Хулосаҳои алоҳидаи тадқиқот дар доираи баромадҳои муаллиф дар конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ тасвиб шуданд.

**А) байналмилалӣ:**

- «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» - маърӯза дар мавзӯи: «Тавсифи криминологии хариду фурӯши одамон» (Хуҷанд: ДДҲБСТ, 29-30 ноябри соли 2018);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

- «Пешвои миллат - эҳёгари тамаддуни тоҷикон» - маърӯза дар мавзӯи: «Нақши Пешвои миллат дар такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд: ДДҲБСТ, 29 октябри соли 2019);

**В) минтақавӣ:**

- «Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ» - маърӯза дар мавзӯи: «Баъзе масъалаҳои тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунандаи хариду фурӯши одамон» (Хуҷанд: ДДҲБСТ, 22-23 майи соли 2016);

- Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25- солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – маърӯза дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои кӯдакон» (Хуҷанд: ДДҲ БСТ, 01 ноябри соли 2019);

**Г) маҷмӯаи мақолаҳо:**

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» - маърӯза дар мавзӯи: « Баланд бардоштани савияи маърифати ҳуқуқии зан – яке аз омилҳои асосии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» (Хуҷанд, 2006). -№1. - саҳ. 43-45);

- «Муаммоҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон» (Хуҷанд, 2008. - с. 173-176);

- «Муаммоҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии хариду фурӯши одамон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2010. - саҳ. 48-52);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Баъзе масъалаҳои тавсифи ҳуқуқии-ҷиноятии хариду фурӯши одамон» (Хуҷанд, 2010. – №3 – С. 91-93);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсят тибқи қонунгузории ҶТ: ҷанбаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ» (Хуҷанд, 2012. - №5 – С. 141-145);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои хариду фурӯши одамон мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2013. – №6 – С. 254-261);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: « Ҷанбаи байналмилалӣ-ҳуқуқии муқовимат ба хариду фурӯши одамон » (Хуҷанд, 2013. – № 6 – С. 34 - 329);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои криминологии ҷинояти дар моддаи $130^1$ КҶ ҶТ пешбинишуда» (Хуҷанд, 2015. – №7 – С. 177 - 199);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунандаи хариду фурӯши одамон» (Хуҷанд, 2015. – № 8 – С. 121 - 132);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Хариду фурӯши одамон – шакли муосири тиҷорат» (Хуҷанд, 2016. – №9 – С. 117 - 122);

- «Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Аломатҳои объективии савдои одамон» (Хуҷанд, 2018. – №10 – С. 136 - 150);

- «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ – муаррифгари фарҳанги миллӣ» маърӯза дар мавзӯи: «Мафҳуми хариду фурӯши одамон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2018. – С. 80 - 83);

- «Рушди илми муосир дар Тоҷикистон: назария ва амалия» маърӯза дар мавзӯи: «Баъзе масъалаҳои бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии хариду фурӯши ноболиғон мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2018. – С. 294 - 296);

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** барои гирифтани унвони илмӣ дар иштироки ӯ дар гузаронидани таҳлили илмӣ-назариявии мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда мешавад. Муаллиф консепсияи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва байналмилалӣ-ҳуқуқии савдои одамонро пешниҳод карда, нуқтаҳои алоҳида дар нашрияҳои муаллиф бо пешниҳоди маърӯзаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмӣ-амалӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ифшо карда мешаванд.

**Сохтори диссертатсия** муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳоро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ УМУМИИ ДИССЕРТАЦИЯ

Дар **муқаддима** муҳимияти мавзӯи интихобшуда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯи тадқиқот таҳлил карда мешавад, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои он муайян карда шуда, навгонии илмии он баён карда шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, методология ва усулҳои тадқиқот, муқарраротҳое таҳия шуданд, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, инчунин дараҷаи эътимоднокӣ ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ишора карда шудаанд.

**Боби якум «Асосҳои назариявии танзими ҳуқуқи-ҷиноятии муқовимат ба савдои одамон»** аз ду зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якум «Ташаккули асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** - таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон гузаронида шудааст. Тадқиқот нишон дод, ки раванди ташаккули дар боло зикршударо ба чор марҳила тақсим кардан мумкин аст:

- аз моҳи августи соли 1990 то моҳи майи соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қабули ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, марҳилаи ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба савдои одамон сурат гирифт. Аммо, дар ин марҳила ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои одамон муқаррар карда нашуда буд. Инро бо он маънидод кардан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра нерӯҳои асосиро барои таъмини сулҳу ваҳдати халқи тоҷик сарф кардааст.

- аз моҳи майи соли 1998 то июли соли 2004, Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи муқаррар ва таҳкими ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон анҷом дод. Бо имзо кардани як қатор санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба криминализатсияи савдои одамон шурӯъ кард.

- аз моҳи июли соли 2004 то июли соли 2014, Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи муқаррар намудани имкониятҳои институтсионалӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон ва ташкили сохторҳои нави муқовимат ба савдои одамонро дар заминаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мавҷуда гузаронид. Муқовимат на танҳо ҷиноят

ҳисобидани кирдор, балки ташкили муборизаро низ дар назар дорад, ки он татбиқи чораҳои амалиро низ дар бар мегирад.

- аз моҳи июли соли 2014 то имрӯз, марҳилаи такмили қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба савдои одамон ба назар мерасад. Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ афзоиши нерӯи қонунгузории ҷиноятӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангсозии меъёрҳои савдои одамонро тақозо мекунад.

**Дар зербоби дуюм - «Ҷанбаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои савдои одамон»** - муаллиф проблемаҳои ҳифзи озодии шахсро дар санадҳои байналмилалӣ баррасӣ кардааст. Ин тадқиқот ба хусусияти байналмилалӣ-ҳуқуқӣ доштани савдои одамон вобаста аст. Хусусияти фаромиллӣ ва муташаккилонаи савдои одамон, зарурати истифодаи саъю ҳамкории байналмилалиро барои муқовимат ба ин ҷиноят маънидод мекунад.

Таҳлил нишон додааст, ки низоми санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, ки ба муқовимат ба савдои одамон нигаронида шудаанд, бояд ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шаванд:

- санадҳои универсалии ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабулшуда, ки савдои одамонро манъ мекунанд ва кафолати байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти тамоми инсониятро таъмин мекунанд;

- санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки бевосита ба пешгирии содир намудани савдои одамон равона шудаанд;

- санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки дорои хусусияти минтақавӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шартномаҳои байнидавлатӣ ва созишномаҳои гуногун мебошанд.

Инчунин, тадқиқоти гузаронидашудаи танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии мубориза бо савдои одамон ду равиши асосии ҳуқуқи байналмилалиро оид ба мубориза бар зидди он муайян мекунад:

- ин зарурати муқаррар кардани ҷазои сазовор барои содир намудани ин ҷинояти фаромиллӣ, ҳам аз тарафи қонунгузории байналмилалӣ ва ҳам миллӣ;

- ин зарурати таъмини ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии қурбониёни савдои одамон аз ҷониби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки савдои одамон ҳамчун ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин, ки ҳуқуқҳои асосиро поймол мекунад ва ба ҳуқуқу озодиҳои тамоми инсоният зарба мезанад, решакан карда шавад.

**Боби дуюми «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** - аз чор зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якум** «Аломатҳои объективии савдои одамон» - дар бораи ақидаҳои мухталиф дар хусуси таърифи объекти савдои одамон қайд карда шудааст. Объекти гурӯҳии савдои одамон - системаи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки шахсиятро ҳифз мекунанд яъне, озодӣ ва амнияти шахс ҳамчун объекти гурӯҳӣ барои ин намуди ҷиноят баромад мекунад. Ба сифати объекти намудии савдои одамон, ду категорияи муносибатҳо муқаррар карда шуданд – таҷовуз ба дахлнопазирии ҷисмонӣ ва маънавии шахсият. Таърифи объекти бевоситаи савдои одамон ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Ба сифати тафсири васеъ объекти ин гуна ҷиноят озодии изҳори иродаи шахс фаҳмида мешавад. Тафсири маҳдуд нисбат ба муайян кардани объекти бевоситаи савдои одамон, муносибатҳои ҷамъиятиеро дар назар дорад, ки озодии шахсии инсонро таъмин мекунанд, ки инро муаллиф ҷонибдорӣ мекунад.

Таҳлили тарафи объективӣ имкон дод, ки проблемаи номгузории модда ва кирдорҳое, ки дар диспозитсияи меъёр пешбинӣ шудаанд, ошкор карда шаванд. Дар ин робита, муаллиф мавқеи қонунгузорро асоснок карда, таърифи муалифии чунин амалҳоро ба монанди ҷалб кардан, интиқол, супоридан ва пинҳон кардан, пешниҳод кардааст.

**Дар зербоби дуюм** «Аломатҳои субъективии савдои одамон» - мавриди таҳлил чунин унсурҳои таркиби ҷиноят ба монанди субъект ва тарафи субъективии савдои одамон қарор дода шудаанд. Субъекти савдои одамон шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад. Бо дарназардошти он, ки ҷиноят дар шакли бастани аҳд оид ба харид ё фуруши шахс байни ду ва ё зиёда иштирокчиён содир мешавад, ҳар ду ҷониби аҳд бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Тарафи субъективии савдои одамон аз аломати ҳатмии он - гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат аст. Дар моддаи $130^1$ КҶ ҶТ ангеза ҳамчун аломати ҳатмӣ муқаррар карда нашудааст, аммо худи мафҳуми «савдо» сабабҳои ғаразноки содир намудани кирдорро дар назар дорад. Ҳамзамон, ангезаи ин ҷиноят ба бандубасти он таъсир намерасонад, аммо бояд хатман бояд муайян карда шавад,

зеро он метавонад ба таъини ҷазо таъсир расонад. Бо мақсади ҳамоҳангсозии меъёрҳои қонунгузории миллии ҷиноятӣ ва минбаъда бартараф кардан ва пешгирии содир намудани ҷиноят, пешниҳод менамоем, ки ба м. $130^1$ КҶ ҶТ, савдои ноболиғон ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дохил карда шавад.

**Дар зербоби сеюм** «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳолатҳои вазнинкунандаи савдои одамон» - муаллиф ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаро, ки дар қисмҳои 2 ва 3 меъёри савдои одамон пешбинишудаанд таҳлил намуда, мутобиқи он қоидаҳои бандубасти ин аломатҳоро таҳия мекунад. Қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» соли 2011 қабул карда шудааст, тағирот ба м. $130^1$ КҶ ҶТ бошад, соли 2019 ворид карда шуд. Дар ин робита Қарори дар болозикршуда аҳамияти худро гум мекунад ва ҳуқуқтатбиқкунанда муқаррароти онро татбиқ карда наметавонад, ки ин қабули Қарори нави пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба ин категорияи парвандаҳо асоснок мекунад.

Ин ҳолат пешниҳоди муаллифро оид ба таҳияи қоидаҳои бандубасти б. «г» қ. 2 м. $130^1$ КҶ ҶТ асоснок мекунад. Расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ҳангоми савдои одамон бояд тибқи м. 110 КҶ ҶТ иловатан бандубаст карда шавад. Инчунин, муаллиф дар қ. 2 моддаи мазкур пешниҳод менамояд, ки иловатан ҷавобгарӣ барои «амалҳои ҷиноятии марбут ба савдои зани ҳомиладор, ки баръало барои гунаҳгор аён аст», пешбинӣ карда шавад. Тибқи б. «е» чунин қоидаи бандубаст дода шудааст: дар ҳолате, ки шахс аз мансабии худ барои савдои одамон истифода барад ва ҳамзамон якчанд ҷиноятҳои дигар содир кунад: гирифтани пора, сохтакории хизматӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо ва ғ., кирдорҳои ӯ бояд бо м. $130^1$ КҶ ҶТ ва дар маҷмӯъ бо моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

Баъзе саволҳо дар бораи ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда низ аз ҷониби муаллиф баррасӣ шуданд, мисол, таҳрири дигари б. «а», қ. 3 м. $130^1$ КҶ ҶТ пешниҳод карда мешавад: «а) аз беэҳтиётӣ боиси марг ё зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида ё боиси дигар оқибатҳои вазнин аз беэҳтиётӣ шуда бошад». Таҳрири мазкур ба талаботи муосири фарҳанги техникаи қонунгузорӣ возеҳтар

ҷавобгӯ мебошад. «Дигар оқибатҳои вазнин» - ва масъалаи тавсифи оқибатҳои ҳар як парвандаи мушаххасро вобаста ба ҳолатҳои парванда суд ҳал мекунад.

**Дар зербоби чорум** «Самтҳои асосии такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат ба савдои одамон» - муаллиф пешниҳодҳоеро асоснок мекунад, ки дар рафти тадқиқот дар доираи мукаммал намудани муқовимат ба савдои одамон дода шудаанд. Ин пешниҳодро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ метавон гурӯҳбандӣ кард.

Якумин, ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба қонунгузории миллӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон дар назар дорад, аз ҷумла:

- маънои ибораҳои «дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ» ва «аҳдҳои дигар», ки дар мафҳуми савдои одамон пешбинӣ шудааст, маънидод карданро талаб мекунад. Якуми он дар м. 130[1] КҶ ҶТ ва дуюм бошад – дар м. 1 Қонун дар бораи муқовимат ба савдои одамон, пешбинӣ карда шудааст;

- дар санксияҳои м. 130[1] КҶ ҶТ, бояд ҷазои иловагӣ дар намуди “ҷарима” муқаррар карда шавад;

- дар сурати ҷойивазкунии шахси ҷабрдида аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубасти иловагӣ бо м. 335 КҶ ҶТ талаб карда намешавад, зеро он бо б. “ё” м. 130[1] КҶ ҶТ дар бар гирифта мешавад.

Дар доираи такмили қонуни ҷиноятӣ дар сатҳи байналмилалӣ, зарурати диққат додан ба масъалаҳои доираи салоҳият (юрисдиксионӣ), аз ҷумла дар заминаи эксминтақавӣ, истирдоди ҷинояткорон, кӯмаки мутақобилаи ҳуқуқӣ ва ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мубодилаи иттилоот зиёд шудааст.

Илова бар ин, дар сатҳи давлатӣ муаллиф таҳия ва қабули барномаи нави давлатии мубориза бо савдоии одамонро барои солҳои 2021–2030 пешниҳод менамояд, ки дар сохтори он бояд чорабиниҳои махсуси барномавӣ барои таёр намудани кормандони судҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тандурустӣ, маориф, хадамоти дипломатӣ, муҳоҷират ва дигар гурӯҳҳои манфиатдори касбӣ ва намояндагони фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳия карда шаванд, ки дар такмили чорабиниҳо оид ба ошкор, пешгирӣ ва бартараф кардани савдои одамон ва ҳифзи қурбониёни он саҳм мегузоранд.

Дар **хулоса**, натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст шуда, хулосаҳои илмӣ-амалӣ асоснок карда мешаванд, тавсияҳое, ки аз мазмуни диссертатсия бармеоянд, таҳия карда шудаанд, аз ҷумла муаллиф қайд мекунад, ки савдои одамон ҷиноятест, ки қариб тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст. Даромад аз ин ҷиноят бениҳоят бузург буда, оқибаташ вазнин аст [3-М]. Савдои одамон ба озодии шахсӣ таҷовуз мекунад. Танҳо шахси озод имконият дорад, ки имкониятҳо, қобилиятҳо ва истеъдодҳои худро амалӣ намояд, «худро татбиқ кунад» [1-М].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз кишварҳое дохил аст, ки дар насиби он тиҷорати ғайриқонунӣ вобаста ба савдои одамон ҷой дорад, гурӯҳҳои ғайриқонунии ҷиноятпеша ҳастанд, ки ба чунин тиҷорат машғуланд. Ба ин аз ҷумла, номукаммалии қонунгузории муосири ҷиноятии кишвар мусоидат карда метавонад. Аз ин рӯ, ин ҳолат метавонад монеаи барои коркард ва истифодаи захираҳои зарурии ҳуқуқӣ дар мубориза бо он гардад [20-М].

Дар ин робита, диссертант ба чунин хулосаҳо меояд:

Зери мафҳуми танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон бояд системаи механизмҳо ва тарзу усулҳои фаъолияти субъектони ҳам ҳуқуқи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ фаҳмида шаванд, ки аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим дароварда мешаванд ва мақсади онҳо таъмини ҳифзи ҳуқуқии ҳимояи шахс, ҷомеа, давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аз савдои одамон мебошад [11-М].

Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод карда мешавад, ки баъзе тағйироту иловаҳо ба м. $130^1$ КҶ ҶТ ворид карда шаванд: - б. «ё» пас аз калимаи «Тоҷикистон» калимаҳои «ё бо ғайриқонунӣ нигоҳ доштани ҷабрдида дар хориҷи кишвар» илова карда шавад; - ба меъёр банди нав «ж», дар мазмуни зерин ворид карда шавад: «ж) бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, инчунин бо гирифтан, пинҳон кардан ё нобуд кардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти ҷабрдида»; - б. «з» - бо мазмуни зайл илова карда шавад: «з) нисбати шахсе, ки нотавон будани ӯ барои гунаҳгор аён аст, ё шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар вобастаи гунаҳгор аст»; - банди «и» илова карда шавад, ки ҷавобгариро барои савдои одамон дар шакли зерин пешбинӣ кунад: «и) нисбати зане, ки ҳомила будани ӯ барои гунаҳгор аён аст» [10-М].

## НУҚТАҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАЦИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ДАРҶ ГАРДИДААНД

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА назди Президенти ҶТ ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:

[1-М]. Муллоҷонова Н.А. Баъзе масъалаҳои назария ва амалияи муқовимати қонунгузорӣ ба хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муллоҷонова // Ахбори ДДХБСТ. - Хуҷанд, 2014. - № (59). – С. 30-37.

[2-М]. Муллоҷонова Н.А. Тавсифи аломатҳои субъективии ҷинояти дар моддаи $130^1$ КҶ ҶТ пешбинишуда / Н.А. Муллоҷонова // Муаммоҳои мубрами экспертизаи судӣ, криминалистика ва криминология. - Боку, 2014. - № 62. – С. 199-203.

[3-М]. Муллоҷонова Н.А. Баъзе муаммоҳои аломатҳои махсусан вазнинкунандаи савдои одамон / Б.Р. Бухоризода, Н.А. Муллоҷонова // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №1 (49). - С. 24-27.

[4-М]. Муллоҷонова Н.А. Аломатҳои субъективии савдои одамон / Н.А. Муллоҷонова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 171-183.

### II. Мақолаҳои илмии дар дигар маҷмӯаҳо ва нашрияҳои даврӣ нашршуда:

[5-М]. Муллоҷонова Н.А. Баланд бардоштани савияи маърифати ҳуқуқии зан – яке аз омилҳои асосии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. Маҷм. мақол.илмӣ. – Хуҷанд, 2006. – №1. – С. 43-45.

[6-М]. Муллоҷонова Н.А. Оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон / Н.А. Муллоҷонова, М.Ф. Ҳомидова // Муаммоҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмии устодон ва аспиранту унвонҷӯён. – Хуҷанд, 2008. – С. 173-176.

[7-М]. Муллоҷонова Н.А. Масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии хариду фурӯши одамон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Муллоҷонова // Муаммоҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмии устодон ва аспиранту унвонҷӯён. – Хуҷанд, 2010. – С. 48-52.

[8-М]. Муллоҷонова Н.А. Баъзе масъалаҳои тавсифи ҳуқуқии-ҷиноятии хариду фурӯши одамон / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. Мақолаҳои илмӣ бахшида ба « Соли 2010 – Соли маориф ва фарҳанги техникӣ». – Хуҷанд, 2010. – № 3 – С. 91-93.

[9-М]. Муллоҷонова Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсят тибқи қонунгузории ҶТ: ҷанбаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. Мақолаҳои илмӣ бахшида ба «20-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Хуҷанд, 2012. – № 5 – С.141-145.

[10-М]. Муллоҷонова Н.А. Хариду фурӯши одамон дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ва объекти он / Н.А. Муллоҷонова, С.Х. Ҳусейнов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. –№2 (18). – С. 89-95.

[11-М]. Муллоҷонова Н.А. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои хариду фурӯши одамон мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд, 2013. – №6 – С. 254-261.

[12-М]. Муллоҷонова Н.А. Ҷанбаи байналмилалӣ-ҳуқуқии муқовимат ба хариду фурӯши одамон / Н.А. Муллоҷонова, С.Х. Ҳусейнов // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд, 2013. – №6 – С. 377-386.

[13-М]. Муллоҷонова Н.А. Ҷанбаҳои криминологии ҷинояти дар моддаи $130^1$ КҶ ҶТ пешбинишуда / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд, 2015. – №7 – С. 177-199.

[14-М.]. Муллоҷонова Н.А. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунандаи хариду фурӯши одамон / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд, 2015. – №8 – С. 121-132.

[15-М]. Муллоҷонова Н.А. Хариду фурӯши одамон – шакли муосири тиҷорат / Н.А. Муллоҷонова, М.Ф. Ҳомидова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд, 2016. – №9 – С. 117-122.

[16-М]. Муллоҷонова Н.А. Баъзе проблемаҳои тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунандаи хариду фурӯши одамон / Н.А.

Муллоҷонова // Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ. Маҷмӯаи маводи конференсияи илмӣ-назариявии олимону донишҷӯёни ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2016. – С. 129-142.

[17-М]. Муллоҷонова Н.А. Аломатҳои объективии савдои одамон / Н.А. Муллоҷонова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. - Хуҷанд, 2018. – №10 – С.136-150.

[18-М]. Муллоҷонова Н.А. Мафҳуми хариду фурӯши одамон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Муллоҷонова, М.М. Каримова // Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ – муаррифгари фарҳанги миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои ҳайати олимон, аспирантон, магистрантон ва донишҷӯён – Хуҷанд, 2018. – С. 80-83.

[19-М]. Муллоҷонова Н.А. Баъзе масъалаҳои бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии хариду фурӯши ноболиғон мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Муллоҷонова, М.М. Каримова // Рушди илми муосир дар Тоҷикистон: назария ва амалия. Қисми I. Маҷмӯаи мақолаҳои ҳайати устодон, профессорон, аспирантон, магистрантон ва донишҷӯён – Хуҷанд, 2018. – С. 294-296.

[20-М]. Муллоҷонова Н.А. Тавсифи криминологии хариду фурӯши одамон / Н.А. Муллоҷонова, М.М. Каримова // Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ – Хуҷанд, 2018. – С. 211-216.

[21-М]. Муллоҷонова Н.А. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои кӯдакон / Н.А. Муллоҷонова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2019. – С. 138-147.

[22-М]. Муллоҷонова Н.А. Нақши Пешвои миллат дар такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Муллоҷонова // Пешвои миллат – эҳёгари тамаддуни тоҷикон. Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳурӣ. ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2019. – С. 457-460.

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Мулладжановой Нигоры Абдуманноновны на тему: «Уголовно-правовые аспекты торговли людьми на примере Республики Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право**

**Ключевые слова:** торговля людьми, противодействие, международные документы, правовые основы, Уголовный кодекс, законодательство, уголовно-правовая характеристика, совершенствование.

В диссертации проведено комплексное исследование международных и отечественных правовых основ противодействия торговле людьми. Изучение различных точек зрений по вопросам уголовно-правовой характеристики состава преступления торговли людьми позволило диссертанту предложить решения по существующим проблемам, в частности правил квалификации, а также дать рекомендации по совершенствованию законодательства в сфере противодействия торговле людьми.

При проведении настоящего исследования были использованы диалектический метода познания, частные методы научного познания, такие как: историко-правовой, сравнительно-правовой, статистический, а также были использованы общенаучные методы: анализ, синтез, обобщение.

В рамках исследования автором были сформулированы и предложены ряд обоснованных положений, в том числе разработка авторского понятия международно-правового регулирования противодействия торговли людьми. Комплексный анализ проблем законодательства Республики Таджикистан позволил сформулировать теоретические и практические выводы и предложения по совершенствованию уголовного законодательства и системы мер противодействия торговле людьми в Республике Таджикистан. Выводы и предложения диссертационного исследования могут быть использованы: в нормотворческой деятельности по совершенствованию борьбы с преступлениями, связанными с торговлей людьми; в правоприменительной деятельности правоохранительных органов и в учебном процессе при подготовке лекций, учебных пособий по данной проблематике; в научно–исследовательской работе в процессе дальнейшей разработки проблем борьбы с торговлей людьми.

## АННОТАТСИЯ

**оид ба диссертатсияи Муллоҷонова Нигора Абдуманоновна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Калидвожаҳо:** савдои одамон, муқовимат, санадҳои байналмилалӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, Кодекси ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мукаммалгардонӣ.

Дар диссертатсия тадқиқоти ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ватании муқовимат ба савдои одамон гузаронида шудааст. Омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни масъалаи тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркиби ҷинояти савдои одамон ба диссертант имконият додааст, ки ҳали мушкилотҳои мавҷударо, алалхусус қоидаҳои бандубастkуниро пешниҳод намояд ва ҳамчунин оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон тавсияҳо диҳад.

Дар рафти гузаронидани тадқиқоти мазкур методи диалектикии маърифат (дарккунӣ) дар раванди тадқиқот, методҳои махсуси дарки илмӣ, аз қабили: таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва инчунин методҳои умумии илмӣ: талил, синтез ва умумикунонӣ истифода шудаанд.

Дар доираи тадқиқот, муаллиф як қатор муқарраротҳои асоснок, аз ҷумла коркарди мафҳуми муаллифии танзими ҳуқуқӣ-байналмилалии муқовимат ба савдои одамонро таҳия ва пешниҳод кардааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти назариявию амалӣ оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва системаи чораҳои муқовимат бо савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шаванд. Хулосаҳо ва пешниҳодоти тадқиқоти диссертатсиониро метавон истифода бурд: дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба мукаммал гардонидани мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар ҷараёни таълим ҳангоми омода намудани лексияҳо, воситаҳои таълимӣ оид ба мушкилоти мазкур; дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ҷараёни коркарди минбаъдаи мушкилоти мубориза бо савдои одамон.

## ANNOTATION

### on the dissertation of Mulladzhanova Nigora Abdumannonovna on the topic: "Criminal legal aspects of human trafficking on the example of the Republic of Tajikistan" for the degree of candidate of legal sciences in the speciality of 12.00.08 – Criminal law and criminology; penal executive law

**Keywords:** human trafficking, counteraction, international documents, legal framework, Criminal Code, legislation, criminal law characteristics, improvement.

The dissertation contains a comprehensive study of international and domestic legal frameworks for combating trafficking in persons. The study of various points of view on the criminal-legal characteristics of the crime of trafficking in persons allowed the dissertation candidate to offer solutions to existing problems, in particular the rules of qualification, as well as to give recommendations on improving legislation in the field of combating trafficking in persons.  With the dialectical method of cognition, particular methods of scientific knowledge, such as: historical-legal, comparative-legal, statistical, as well as general scientific methods were used: analysis, synthesis, generalization.  Within the framework of the study, the author formulated and proposed a number of development of the author's concept of substantiated provisions, including the international legal regulation of combating trafficking in persons.  A comprehensive analysis of the problems of the legislation of the Republic of Tajikistan to formulate theoretical and practical conclusions allowed proposals for improving the criminal legislation and the system of measures to combat trafficking in persons in the Republic of Tajikistan.  The conclusions and proposals of the dissertation research can be used: in rule-making crimes related to human trafficking;  in the law enforcement activities of law enforcement agencies and in the educational process in the preparation of lectures, textbooks on this topic; in research work in the process of further development of the problems of combating the activities to improve the fight against trafficking in persons.

Подписано в печать 29.05.2021. Формат 60x84 $^{1}/_{16}$.
Бумага офсетная. Печать офсетная. Гарнитура Times New Roman Tj.
Усл. печ. л. 3,5. Тираж 100 экз. Заказ № .